# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо

Парвандаи аттестатсионии №09

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 20.06.2023, №01

Барои сазовор донистани Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 –Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо.

Диссертатсияи Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар дар мавзӯи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли корхонаҳои саноати сабуки вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо ба ҳимоя 07 апрели соли 2023 (протоколи №3.1.) қабул карда шуд. Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ, 44) дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2022, таҳти №268/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар омӯзгори кафедраи “Иқтисодиёти миллӣ ва таҳлили молиявӣ”-и факултети “Молия ва иқтисод”- и Донишгоҳи давлатии Данғара буда, 18 январ соли 1991 дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар оилаи хизматчӣ таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик, оиладор, соҳиби 2 фарзанд.

Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар соли 2009 ба факултаи иқтисодиёти инноватсионии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2014

аз рӯи ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст. Вай аз соли 2014 то соли 2016 ба ҳайси ассистенти кафедраи иқтисод ва идора дар КАС фаъолият намуда, алҳол бошад ба ҳайси муаллими кафедраи “Иқтисодиёти миллӣ ва таҳлили молиявӣ”-и факултети “Молия ва иқтисод”-и Донишгоҳи давлатии Данғара то имрӯз фаъолият намуда истодааст.

Дар давраи солҳои 2016- 2020 ба ҳайси аспиранти шуъбаи ғоибонаи Донишгоҳи давлатии Данғара таҳсил намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти миллӣ ва таҳлили молиявии Донишгоҳи давлатии Данғара омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Хоҷаев Парвиз Давронович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи муносибатҳои иқтисоди байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳон Донишгоҳи славянии Руссияву Тоҷикистон;

**Ҷумаев Уктам Мирзоёрович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисод ва менеҷмент Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологии «Донишгоҳи пулод ва хулаи Москва» дар шаҳри Душанбе.

**Муассисаи пешбар -** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, дар тақризи худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ дотсент, Сафоев А.К. омода гардида, аз тарафи раиси ҷаласа, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти сохибкории Донишгохи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Саидова М.С. имзо гардида, дар ҷаласаи дар чаласаи кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти сохибкории Донишгохи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 11-уми майи соли 2023, протоколи № 10/5.1 баррасӣ ва аз тарафи ректори Донишгохи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Асрорзода У.С. санаи 12-уми майи соли 2023 тасдиқ шудааст.

Дар тақризи пешниҳодшудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз имзо шудааст, қайд гардидааст, ки кори диссертатсионии Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) мутобиқ ва ҷавобгӯ мебошад. Аз рӯйи мазмуни илмӣ ва шакли таҳияи диссертатсияи номзадӣ дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иктисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли корхонаҳои саноати сабуки вилояти Хатлон)» ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки он ҳамчун кори илмӣ-тахассусӣ ба ҳисоб рафта, дар он ҳалли масъалаҳои муҳим ва бартариятдоштаи илмҳои иқтисодӣ, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад, гирд оварда шудаанд. Ҳамаи ин далелҳо бе ягон шаку шубҳа аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки кори илмии мазкур сазовори баҳои баланд буда, муаллифи он арзандаи дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои нашршудаи муаллиф таркиби асосии кори диссертатсиониро фаро гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмие, ки ба номгӯи нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, ба нашр расидаанд.

**а) Маколахое, ки дар нашрияхои такризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1 – М]. Раҳимзода, М.Н. Омилҳои муайянкунандаи рақобатпазирии корхонаҳо [Матн] / Раҳимзода М.Н. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва соҳаи иҷтимоӣ.-Душанбе.- 2021-№2.-қ.36.- Саҳ. 210-215.

[2 – М]. Раҳимзода, М.Н. Асосҳои назариявии идоракунии рақобатпазирии корхона [Матн] / Раҳимзода М.Н., Қурбоналиев Қ.З. // Кишоварз. Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии “Кишоварз”. Бахши иқтисодиёт дар КАС.-Душанбе.- 2021-№2.-қ.91.- Саҳ. 169-172.

[3 – М]. Раҳимзода М.Н. Роҳҳои такмили инноватсия дар истеҳсолоти маҳсулоти нассоҷӣ [Матн] / Раҳимзода М.Н. // Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. Бахши иқтисодӣ.-Душанбе.- 2021-№2.-қ.26.- Саҳ. 160-166.

[4 – М]. Раҳимзода М.Н. Модели иқтисодӣ-риёзии баҳодиҳии дараҷаи имконоти потенсиалии корхонаҳои саноати сабук [Матн] / Раҳимзода М.Н., Хоҷаев П.Д., Сулаймонзода Ш.Ф. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2022. – № 11. – С. 79-88.

[5 – М]. Раҳимзода М.Н. Таҳқиқи омилҳои асосии ба сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таъсиркунанда [Матн] / Раҳимзода М.Н., Хоҷаев П.Д., Сулаймонзода Ш.Ф. // Паёми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ.-Душанбе.- 2022-№4.- Саҳ. 108-116.

[6 – М]. Раҳимзода М.Н. Модели иқтисодӣ-риёзии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук [Матн] / Раҳимзода М.Н., Хоҷаев П.Д. // Ахбори Академияи илмҳои миллии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳом ҷамъиятшиносӣ. Шуъбаи илмҳом ҷамъиятшиносӣ. -Душанбе.- 2022-№12.- Саҳ. 122-131.

[7 – М]. Раҳимзода М.Н. Модели иқтисодӣ-риёзииояндабинии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ [Матн] / Раҳимзода М.Н // Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. Бахши иқтисодӣ.-Душанбе.- 2023-№1.- Саҳ. 119-128.

[8 – М]. Раҳимзода М.Н. Тамоюлҳои рушди соҳаи саноат дар вилояти Хатлон // маҷалаи илмӣ сиёсии [Матн] / Раҳимзода М.Н., Хоҷаев П.Д.//

Маҷалаи илмӣ сиёсии «Идоракунии давлатӣ».-Душанбе.- 2023-№1(60).- Саҳ. 112-125.

[9 – М]. Раҳимзода М.Н. Асосҳои назариявии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук [Матн] / Раҳимзода М.Н., Хоҷаев П.Д., Сулаймонзода Ш.Ф. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. – № 2. – С. 91-108.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо ворид шудаанд:**

**Бобоев О.Б.**- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст:

1. Дар саҳ. 20 муаллиф қайд менамояд, ки барои ҳалли масъалаҳои идоракунии рақобатпазирии корхона коркарди маҷмуи усулҳои иттилооти берунӣ ва дохилӣ зарур аст. Мутаасифона дар автореферат таҳлили амиқи ин усулҳо амалӣ карда нашудааст.

2. Аз ҷониби муаллиф механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук пешниҳод карда шудааст. Аммо масъалаҳои такмили низоми ҳавасмандгардонии моддию маънавии фаъолияти меҳнатии корхона дида баромада нашудаанд.

**Самандарзода И.Ҳ,** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи Аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур бо чунин эрод пешниҳод шудааст:

1. Дар саҳ. 12 консепсияи мукаммали идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук пешниҳод карда шудааст. Мутаасифона дар автореферат таҳлили амиқи ҷузъхои консепсияи мукаммали идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук амалӣ карда нашудааст.

2. Аз ҷониби муаллиф механизми таъминоти иттилоотии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук пешниҳод карда шудааст. Аммо нишондиҳандаҳои интегралӣ, гуруҳӣ ва алоҳидаи сатҳи рақобатпазирии корхона таҳлил карда нашудаанд.

**Ҳамроев Ф.М. -** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи «Иктисодиёт ва логистикаи нақлиётӣ»-и ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ бо чунин эрод пешниҳод гардидааст:

1. Дар саҳ. 17-18 ҷузъҳои таркибии иқтидори стратегии корхонаҳои саноати сабук дида баромада шудаанд. Мутаасифона, дар автореферат таҳлили амиқи ҷузъҳои таркибии иқтидори стратегии корхонаҳои саноати сабук амалӣ карда нашудааст.

2. Аз ҷониби муаллиф механизми ташкилӣ-иктисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук пешниход карда шудааст. Аммо масъалаҳои ҷорӣ намудани низомҳои пешкадами идоракунии сифат, стандартизатсия, метрология ва сертификатсияи онхо дида баромада нашудаанд.

**Раҳмонов Ҷ.Р.-** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо чунин эрод пешниҳод шудааст:

1. Дар саҳ. 13 (расми 1) усулҳои асосии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук номбар карда шудаанд. Мутаасифона дар автореферат таҳлили амиқи ин усулҳо амалӣ карда нашудааст.

2. Аз ҷониби муаллиф модели иқтисодӣ-риёзии муносибгардонии ҷараёнҳои молиявӣ, ки ба таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ сабук оварда мерасонад, пешниҳод карда шудааст.

**Раҳимзода Б. -** номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини директори Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст:

1. Муаллиф гуруҳҳои зерини омилҳоеро муайян кардааст, ки ба сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таъсир мерасонанд: иқтидори захиравии корхона, сатҳи ғанигардонии бозор бо маҳсулоти рақобатпазир ва рушди нишондиҳандаҳои натиҷавии фаъолияти корхонаҳо. Мутаасифона дар автореферат таҳлили амиқи ин омилҳо амалӣ карда нашудааст.

2. Аз ҷониби муаллиф механизми таъминоти иттилоотии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук пешниход карда шудааст. Аммо масъалаҳои тақсимоти муносибтарини захираҳои молиявии корхона, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирии он ҷудо шудааст, дида баромада нашудаанд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисми асосии онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ бо дарназардошти мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои марбут ба ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин, бо розигии шахсии онҳо барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгохи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар самти илми дахлдор ҳамчун муассисаи шинохташуда ба ҳисоб рафта, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ методҳои гуногун – абстраксияи илмӣ, диалектика, омориву риёзӣ, дедуксия ва индуксия, таҳлили омилӣ, моделсозии иқтисодию риёзӣ ва ғ. истифода шудааст.

Натиҷаҳои асосие, ки дар кори диссертатсионӣ баён шудаанд ва унсурҳои навоварии илмиро дар бар мегиранд, иборат аст, аз:

-нақшаи раванди мутобиқсозии корхонаи саноати сабук ба шароити бозор таҳия гардида, дар асоси он консепсияи мукаммали идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук пешниҳод карда шудааст, ки дорои: қобилияти ташаккул ва таснифи ҳадафҳо ва стратегияҳои рушди корхонаҳои саноати сабук мутобиқи сатҳи ба даст овардашудаи рақобатпазирӣ; арзёбии равишҳои муосири идоракунии рақобатпазирии

ин корхонаҳо; ташаккули механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирии ин корхонаҳо, аз ҷумла ҷузъҳое, ки тадбирҳои заруриро барои фаъолияти самараноки онҳо тавсиф мекунанд ва зуд ва саривақт татбиқи онҳо ба қабули қарорҳои муносиби идоракунӣ дар корхонаҳои саноати сабук нигаронида шудааст;

вазъи муосир ва рушди корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон баҳо дода шуда, омилҳои асосии ба сатҳ ваояндабинии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таъсиркунанда ошкор карда шудаанд. Исбот шудааст, ки ба сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук гуруҳи зерини омилҳо таъсир мерасонанд: иқтидори захиравии корхона, сатҳи ғани гардони бозор бо маҳсулоти ракобатпазир ва рушди нишондиҳандаҳои натиҷавии фаъолияти корхонаҳо;

модели иқтисодӣ-риёзии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук коркард ва татбиқ карда шудааст. Нақшаи арзёбии сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук коркард карда шуда, ҷузъҳои таркибии потенсиали стратегии корхонаҳои саноати сабук ошкор карда шуда, модели иқтисодӣ-риёзии муносибгардонии захираҳои молиявӣ, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук ҷудо карда шудаанд, таҳия ва дар ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» татбиқи амалии худро ёфтааст. Таҳлили муаллифии фаъолияти истеҳсолӣ ва молиявии корхонаи ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» нишон дод, ки вобастагии функсионалии захираҳои молиявие, ки рақобатпазирии корхонаро таъмин мекунанд ва фоизи тағйироти ин сатҳҳо квадратӣ мебошад;

механизми таъмини иттилоотии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук дар асоси консепсияи маркетингӣ такмил дода шудааст. Марҳилаҳои идоракунӣ ва сохтори системаи иттилоотии дохилӣ дар корхонаҳои саноати сабук муайян карда шуда, муҳити берунаи маркетингӣ ва раванди гузаронидани таҳқиқоти маркетингӣ дар корхонаҳои саноати сабук амалӣ карда шудааст;

- механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таҳия шудааст, ки қисмҳои зеринро дар бар мегирад: аниқ кардани бартарихои ракобатии корхона; такмили низоми ҳавасмандгардонии моддию маънавии фаъолияти меҳнатии корхона;

-ҷорӣ намудани низомҳои пешкадами идоракунии сифат, стандартизация, метрология ва сертификатсияи онхо; муносибати комплексӣ ба вусъат додани истехсолот; такмил додани низоми зуд ва сари вакт баҳисобгирӣ, назорат, таҳлили корхонаҳо; пурзӯр намудани фаъолияти хадамоте, ки ба гузаронидани тадқиқоти маркетингӣ нигаронида шудаанд;

-баланд бардоштани иқтидори захиравӣ, молиявӣ, иттилоотӣ, сармоягузорӣ ва инноватсионии корхонаҳо; самаранок истифода бурдани фондхои асосӣ ва истеҳсолии корхонахо; ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ дар корхонахо;

- самтҳои асосии идоракунии рақобатпазирӣ дар истеҳсолоти нассоҷии ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» асоснок карда шудаанд. Исбот шудааст, ки рақобатпазирии маҳсулоти нассоҷии ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» аз омилҳои зерин вобаста аст:

-интихоби дурусти самти истеҳсоли молҳои нассоҷӣ, намунаи маҳсулот, интихоби маҳсулоти интихобшаванда, ки ба он эҳтиёҷот зиёд аст; муҳайё намудани шароити қурби фуруш ва барои рақобат шитоб овардани молу маҳсулоти корхона ва хизматрасонӣ (нарх, муҳлати баровардани маҳсулотҳо ба бозор; хизматрасонӣ ба харидорон ва муҳайё намудани шароити зарурӣ ба муомилоти мол, хизматрасонӣ баъди фурӯш ва ғайраҳо);

-ҳаҷми истеҳсолот ва номгуиҳои маҳсулот (чи қадаре, ки ҳаҷми истеҳсолот зиёд бошад ва маҳсулоти он бозоргир бошад, ҳамон қадар даромад аз фоида меафзояд); ҷоннок намудан ва бештар истифода намудани истеҳсолот аз фаъолияти навоваронаи (инноватсионии) корхона.

**Дар натиҷаи ҷамъбасти андешаҳои олимон** таҳқиқи ҷанбаҳои гуногун дар доираҳои илми ватанӣ баъзе ҷанбаҳои таъмини рақобатпазирии

корхонаҳо, иқтисодиёти миллӣ, соҳаҳо ва кластерҳо ба таври амиқ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар ин самт метавон саҳми чунин олимонро қайд намуд: Н. Қ. Қаюмов, Х. Умаров, А. Рауфӣ, Ҷ.С. Пиризода, А.Б. Мирсаидов, М.М. Шарифзода, С.Ҷ. Комилов, С. Садридинов, Қ.Х. Барфиев, П.Д. Хоҷаев, У.М. Джумаев ва дигарон.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодҳои назариявию тавсияҳои амалии илман асосноккардашударо оид ба рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук фаро гирифтааст. Дар ҷабҳаи назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии нақш ва аҳаммияти арзёбии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук, таҳқиқи асосҳои консептуалии баландбардории сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук ва омӯзиши ҷанбаҳои методии арзёбӣ ва таҳлили рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук барраси гардидааст. Ташаккули сатҳи баланди рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук на танҳо аз потенсиали он, шароити татбиқи самтҳои стратегии рушд ва ҳалли масъалаҳои истифодаи оптималии таъминоти захиравӣ, балки аз истифодаи консепсияҳои самараноки идоракунии рақобатпазирӣ низ вобаста аст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки маводҳо, хулоса ва тавсияҳои илмии пешниҳодгардида, аз ҷониби Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳои мусоидат ба рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот ба истифодаи мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва шаҳрӣ дар раванди таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоӣ - иқтисодӣ, муайян кардани самтҳои афзалиятноки таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук, нигаронидашуда, истифода шуда метавонанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ** нишон доданд, ки:

- асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илми онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро дар соҳаи таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ истифода бурдааст;

- маълумотҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодашуда дақиқ буда, ҳаҷми маводи тадқиқотӣ кифоя мебошад ва аз ҷониби муаллиф коркарди омории маълумотҳои расмию ғайрирасмӣ мақсаднок сурат гирифтааст;

- натиҷаҳои таҳқиқот дар нашрияҳои бонуфуз интишор ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро низ тасдиқ менамоянд.

- дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд ва хулосаҳову пешниҳодҳо дар асоси ҷамъоварӣ, сохторбандӣ ва коркарди захираҳои иттилоотии дақиқ бо истифодаи воситаҳои технологияи иттилоотии муосир ба анҷом расидааст.

- **ғояи асосии диссертатсия** дар асоси дастурҳо, баромадҳо ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва андешаи олимони соҳаи иқтисодиёт, ҳамчунин, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ дар самти таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф, асоснок карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ: аз ҷумла интихоб ва таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва нақшаи кории иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Саҳми шахсии довталаб дар муайян намудани омилҳои асосии ба сатҳ ваояндабинии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таъсиркунанда, коркарди модели иқтисодӣ-риёзии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук, такмили механизми таъминоти иттилоотии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук дар асоси консепсияи маркетингӣ, ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии

идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук ва асосноккунии самтҳои асосии идоракунии рақобатпазирӣ дар истеҳсолоти нассоҷии ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» зоҳир мегардад.

- муқаррароти асосии диссертатсия дар чорабиниҳои илмиву амалӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, баҳои мусбат гирифтаанд.

- натиҷаҳои назариявӣ-методологие, ки дар диссертатсия ҷой доранд, аз тарафи муаллиф ба шакли маъруза дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод гардидаанд.

- муҳтавои асосии диссертатсия дар семинарҳои назариявӣ ва ҷаласаҳои Донишгоҳи давлатии Дангара мунтазам мавриди муҳокима қарор ёфтаанд.

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 14 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 9 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст;

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017 аз 20 июни соли 2023 қарори сазовор донистани Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, аз он ҷумла, 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 11 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба Шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор 11 нафар, муқобил нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор -нест.

Раиси
Шурои диссертатсионӣ, д.и.и. Ҷонмамадов Ш.Б.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ, н.и.и. Бобоев К.О.

«20» июни 2023